# ШАРТНОМА
## дар бораи ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон, ки минбаъд «Тарафҳои Аҳдкунанда» номида мешаванд,

ба мақсади баланд бардоштани самаранокии тафтишот, таъқиб ва пешгирии ҷиноят, аз ҷумла терроризм, аз тариқи ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ,

ба мувофиқати зерин расиданд:

## ҚИСМИ I
### *Қоидаҳои умумӣ*
### Моддаи 1
### *Доир ба ӯҳдадориҳои ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарӣ.*

1. Тарафҳои Аҳдкунанда мутобиқи Шартномаи мазкур аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҳамдигар ба таври васеъ ёрии худро мерасонанд.

2. Мувофиқи банди 1 ҳамин модда ёрии байниҳамдигарии ҳуқуқӣ гуфта, аз ҷониби Тарафи Дархостшаванда дар доираи юрисдиксия Тарафи Дархосткунанда, чунин ёрии ҳуқуқӣ аз тарафи суд ё ин, ки ягон органи дигари дархосткунандае ин, ки қатъӣ назар аз додан ё надодани он, тафтиш аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ ва бо фаъолиятҳои процессуалӣ ёрӣ расонидан, фаҳмида мешавад.

3. Мувофиқи банди 1 ҳамин модда парвандаҳои ҷиноӣ гуфта, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиш ё ин, ки фаъолияти процессуалӣ оид ба ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар қонунҳои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дониста мешавад.

Барои Ҷумҳурии Ҳиндустон қонунҳои тафтиш ё фаъолияти процессуалӣ доир ба ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар қонунҳои Парламент содир карда, инчунин дар қонунҳои штатҳо пешбинӣ шуда, дониста мешавад.

4. Парвандаҳои ҷиноӣ, ҳамчунин андоз, даромади боҷхонаҳо ва андозҳое, ки ба сармояи байналхалқӣ иртибот дорад, ба ин воридоти мададкунандаи терроризм ҳам дохил

аст, тафтишотҳо ё ин ки фаъолиятҳои процессуалӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ дар дохили он аст.

5. Тафтиш ё ин, ки фаъолиятҳои оид ба ҷиноятҳои ҳуқуқвайронкунии марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳамчунин терроризм, яъне бо мақсадҳои сиёсӣ ё худ бо мақсади тарсонидани аҳолӣ, низ дар дохилӣ он мебошад.

6. Ёрии ҳуқуқӣ гуфта, чунин амалҳо дар назар дошта мешаванд:

6.1. Муайян ва таъин кардани макону маҳаллӣ ашхос ва молу мулк.

6.2. Иҷро кардани санадҳо минҷумла асноди ҷустуҷӯи марбути он.

6.3. Пешниҳод кардани ахборот, ҳуҷҷатҳо ва маводи дигар, материалҳои ҷиноятӣ ва судӣ ҳам ба он ворид мешавад.

6.4. Додани молу мулк.

6.5. Мувақатан додани далелҳои шайъӣ.

6.6. Гирифтани нишондодҳои гувоҳӣ ва аризаҳои ашхос.

6.7. Иҷро намудани қарор дар бораи гузаронидани кофтуков ва ба ҳабс гирифтан, мусодира кардани молу мулк.

6.8. Таъмин намудани кӯмакҳое, ки барои рафти тафтишотӣ гувоҳҳо ҳамчунин ашхоси дигар, аз ҷумла нишондодҳои гувоҳи экспертҳо ва ашхоси дар ҳабс буда.

6.9. Андешидаи чораҳо барои муайян кардан ва мусодира намудани молу мулки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст даровардa шуда.

6.10. Андешидани чораҳо барои муайян кардани маблағу воситаҳое, ки гурӯҳҳо барои содирнамудани ҳаракатҳои террористӣ истифода мекунанд.

6.11. Додани ёрмандиҳои дигаре, ки мувофиқи ҳамин шартнома пешбинӣ шуда бошад.

## Моддаи 2
### *Ба ҷо овардани дархостҳо.*

1. Дархостҳои роҷеъ ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, агар ба қонунҳои Тарафи Дархостшаванда мувофиқат надошта ва таҳқиқ нашуда бошад, мувофиқи пешниҳоди Тарафи Дархосткунанда анҷом мегирад.

2. Агар Тарафи Дархосткунанда дар дархости худ дар ин бора махсус таъкид намуда бошад, Тарафи Дархостшаванда рӯз ва ҷои иҷрои дархостро ба ӯ хабар медиҳад.

3. Тарафи Дархостшаванда дар мавриди сирри бонкӣ ҳам дархостро рад нахоҳад кард.

### Моддаи 3

*Радд ё ба таъхир андохтани ёрии ҳуқуқӣ.*

1. Агар Тарафи Дархостшаванда иҷрои дархостро бар зарари истиқлолият, бехатарӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва манфиатҳои дигари муҳими ҷамъиятӣ шуморад, иҷрои дархостро метавонад рад намояд.

2. Агар иҷрои дархост ба тафтиш ва ё дар доираи юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда ба амал баровардани таъқиби ҷиноӣ халал мерасонида бошад, Тарафи Дархостшаванда дар мавриди дархости расонидани ёрии ҳуқуқӣ таъхир намояд

3. Тарафи Дархостшаванда дар сурати нишон додани сабаби Тарафи Дархосткунанда, метавонад дархостро пурра, қисман рад намояд, ва ё ин, ки дар хусуси таъхири иҷрои он қарори худро пешниҳод намояд.

4. Тарафи Дархостшаванда дар хусуси рад кардан ё ин, ки таъхир намудани иҷрои дархост доир ба расонидани ёрӣ, қабл аз қабули қарори худ, ин ёрӣ дар кадом шарту шароит расонида мешавад, дида мебарояд. Агар Тарафи Дархосткунанда дар чунин шароит барои қабул намудани ёрӣ ризоят диҳад, ӯ аз рӯи он амал менамояд.

## ҚИСМИ II

*Қоидаҳои махсус*

### Моддаи 4

*Муайян ва аниқ намудани макон ва ҷои ашхосу молу мулк.*

Органҳои ваколатдори Тарафи Дархостшаванда барои муайян ва таъини ҷой, макоми ашхос ва ашёҳо чораҳо меандешад.

### Моддаи 5

*Супоридани ҳуҷҷатҳо.*

1. Тарафи Дархостшаванда ба Тарафи Дархосткунанда ҳуҷҷатҳои марбути дархостро месупорад.

2. Ҳуҷҷатҳое, ки онро Тарафи Дархосткунанда бояд ба он ҷавоб гӯяд ва ё ин, ки дар доираи юрисдиксияи он мебошад интизор дорад, барои чунин ҷавоб ё ин, ки ҳозир намудан дар муддати «мақбул» тайёр намуда, супоридани ҳуҷҷатҳои зарурии он дархост медиҳад. Вақти «мақбул» кадом муддат

аст, онро Тарафи Дархосткунанда ба Тарафи Дархостшаванда дар доираи имконияти юрисдиксияи худ ба назар мегирад.

3.Тарафи Дархосткунанда мувофиқи нишондоди Тарафи Дархостшаванда ҳуҷҷат ва супоришҳоро тасдиқ менамояд. Агар супориши ҳуҷҷат дер анҷоманд ё, ки қатъ шавад, сабабҳои он ба Тарафи Дархосткунанда хабар дода мешавад.

### Моддаи 6
### *Фиристодани ҳуҷҷатҳо ва ашёҳо.*

1. Агар маводу ҳуҷҷатҳои барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ таалуқ дошта бошад, Тарафи Дархостшаванда, агар аз Тарафи Дархосткунанда нусхаи аслиро талаб накарда бошад, аз рӯи тартиби муқаррари тасдиқшуда, метавонад нусхаҳои онро бифиристонад, дар сурати дархости нусхаҳои аслӣ бошад, Тарафи Дархостшаванда барои иҷро шудани чунин дархост чораҳои заруриро меандешад.

2. Нусхаҳои аслии маводу ҳуҷҷатҳо ва ашёҳое, ки ба Тарафи Дархосткунанда фиристода шудааст, мувофиқи дархости Тарафи Дархосткунанда дар муддати кӯтоҳтарин бояд баргардонида шавад.

3. Агар қонунҳои Тарафи Дархостшаванда иҷозат диҳад мавод, ҳуҷҷат ва ашёҳоеро, ки барои мувофиқа бо қонунҳои Тарафи Дархосткунанда мумкин аст талаб кунад, тасдиқ намуда фиристода мешавад.

### Моддаи 7
### *Шахсони иштирокчӣ дар доираи юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда.*

1. Шахси талабкунанда дар доираи юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда баёнот додан, ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, мавод ё худ ашёҳо, ҳамчунин додани ҳуҷҷатҳо, мавод ва ашёҳо дар доираи талаботи Қонунҳои Тарафи Дархостшаванда назар ба зарурият аз тариқи додани варақаи даъват ва ё ба тартиби дигар барои иштирок ва додани гувоҳӣ даъват карда мешавад.

2. Тарафи Дархосткунанда мутобиқи талаботи Қонунҳои худ ҳангоми анҷом додани пурсиш метавонад шахсони дар он иштироккунанда ва додани саволҳоро ба шахси пурсишшаванда роҳ диҳад.

3. Ба шахсоне, ки барои гузаронидани пурсиш ҳозир мешаванд иҷозат дода мешавад, ки рафти онро айнан [калима ба калима] нависад. Агар дар Қонунҳои Тарафи Дархосткунанда ин амал пешбинӣ шуда бошад, барои анҷом

додани ин кор истифода кардан аз воситаҳои техникӣ иҷозат дода мешавад.

### Моддаи 8
***Таъмин намудани додани баёноте, ки дар доираи юрисдиксияи Тараф расонидани ёрӣ ба тафтишот.***

1. Тарафи Дархосткунанда барои гузаронидани тафтиш аз Тарафи Дархостшаванда гувоҳи додани ашхос ё ёрӣ расонидан дар рафти тафтишотро хоҳиш менамояд.

2. Тарафи Дархостшаванда шахсонро ҳангоми гузаронидани тафтиш ба таври ихтиёрӣ барои додани гувоҳӣ ва ё ёрӣ расонидан метавонад даъват намояд. Ин шахс бояд дар хусуси масрафи хароҷотхо ва маблағҳои пардохтшаванда хабардор бошад. Тарафи Дархостшаванда дар хусуси ҷавоби ҳамин шахс ба Тарафи Дархосткунанда хабар медиҳад.

### Моддаи 9
***Кофтуков ва ҳабс кардани молу мулк.***

1. Органи ваколатдори иҷрокунандаи кофтуков ва ҳабс бо эҳтимоли дархости Тарафи Дархосткунанда аниқӣ, ҳолат, пуррагӣ, давомдории ҳуҷҷатхо, мавод ё ин, ки ашёҳо ҳамчунин ахборотеро, ки дорои маълумот тафтишоти ҳабс мебошад пешкаш менамояд.

2. Ҳуҷҷатҳо, мавод ё ин, ки ашёҳое, ки аз ҷониби Тарафи Дархосткунанда гирифта шуданд, ҳангоми баргардонидан мувофиқи шартҳои байниҳамдигарии Тарафи Дархостшаванда амалӣ мешавад.

### Моддаи 10
***Пешниҳоди нишондодҳои гувоҳии шахсони дар ҳабс буда, ё ки ташкил намудани ёрмандӣ барои амалӣ намудани тафтишот.***

1. Шахси дар ҳабс буда, дар доираи юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда, назар ба дархост барои гузаронидани тафтиш ё барои дар рафти он гувоҳӣ додан, мувофиқи ризояти ҳамин шахс, ҳамчунин дар ҳолатҳои набудани асосҳои мамнуъият барои додани он набошад, ба Тарафи Дархосткунанда мумкин аст мувақатан дода шавад. Тарафи Дархосткунанда ҳамин шахсро дар ҳабс нигоҳдошта ва ӯро дар арафаи тафтиш ба Тарафи Дархосткунанда бармегардонад.

2. Дар сурати гузаштани муддати ҳукме ин, ки набудани эҳтиёҷи нигоҳ доштани шахс дар ҳабс, ки аз ҷониби Тарафи Дархостшаванда ба Тарафи Дархосткунанда дода шуда буд, хатм шуд, дар ин бора хабар диҳад, ин шахс бояд озод шавад ва дар ин ҳол нисбати ин шахс қоидаҳои моддаи 8 ҳамин Шартнома истифода мешавад.

## Моддаи 11
### *Кафолати амният.*

1. Шахси дар доираи юрисдиксияи Тарафи Дархосткунанда буда, мувофиқи дархосте, ки ҳозир будани ӯро талаб мекунад, ба ғайри ҳолатҳои дар банди 1 моддаи 10 пешбинишуда, ба ҳабс гирифта намешавад ва ба ҳеҷ гуна таъқиб дучор намегардад, яъне ин шахс агар аз ҳудуди доираи юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда берун бошад, барои корҳои карда ё накардаи пешинааш ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, чунки шахс ба ғайр аз ҷараёни вобаста ба ҳамин тафтиш дар ягон мурофиаи дигар маҷбур нест, ки гувоҳӣ ва баёнот диҳад.

2. Шахс, пас аз расман бохабар шуданаш аз он ҷумла, ки ҳозир будани ӯ шарт нест, агар дар давоми 30 рӯз аз ҳудуди юрисдиксияи Тарафи Дархосткунанда ба таври ихтиёрӣ бaромада наравад, ё ин, ки ҳудуди юрисдиксияи онро тарк карда, дубора ба хоҳиши худ ба он ҷо бармегардад, нисбати ӯ банди 1 ҳамин модда эътибори худро гум мекунад.

3. Ҳар шахсе, ки ба ҳудуди юрисдиксияи Тарафи Дархосткунанда наомадааст барои ин ҳеҷ гуна санксия, ё чораҳои маҷбурии Тарафи Дархостшаванда нисбати ӯ асар надорад.

## Моддаи 12
### *Молу мулки бо роҳи ҷиноят ба даст омада.*

1. Мувофиқи талаби Тарафи Дархостшаванда дар доираи юрисдиксияи худ нисбати ҳар гуна молу мулки бо роҳи ҷиноят ба даст омада, аз ҷумла аниқ намудани мавҷудияти маблағҳое, ки ба мақсади терроризм истифода мешаванд, чораву тадбирҳо меандешад ва доир ба натиҷаи тафтиш ба Тарафи Дархосткунанда хабар медиҳад.

2. Дархост ба мақсади ҳабс кардан, ё мусодира намудани молу мулки бо роҳи ҷиноят ба даст омада, аз ҷумла маблағҳои барои терроризм сарфшаванда метавонанд дода шавад, чунки ёрманди тибқи Қонуни Тарафи Дархостшаванда, мувофиқи хоҳиши онҳо дода мешавад. Ин

дархост метавонад карори суд, ё органи дигари ваколатдори Тарафи дархостшавандаро тақвият диҳад, ё худ бо мақсади ҳабс ва мусодира кардани молу мулк дар Тарафи Дархостшаванда ба органҳои ваколатдори Тарафи Дархостшаванда фиристонида дархостро дар худ дошта бошад.

3. Бо мақсади таъмини иҷрои қарор дар бораи баргардонидани молу мулки аз роҳи ҷиноят ба даст омада, мумкин аст барои ба ҳабс гирифтани он ёрӣ талаб намояд.

4. Молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омада ва мувофиқи ҳамин Шартнома ҳабс ва мусодира шудаанд, агар дар ҳар як ҳолати алоҳида, дар сурате, ки ба мувофиқати дигар нарасанд, барои Тарафи Дархостшаванда кифоят мебошад.

5. Мувофиқи банди 1 ва 2 ҳамин модда бинобар дархости ёрӣ расонидан аз Тарафи Дархостшаванда чораҳо андешида шуда бошанд, ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар Ҷумҳурии Ҳиндустон дар санади ҳабс ва мусодираи молу мулк тавсияи шахси манфиатдор инъикос шуда бошад, Тарафҳо Аҳдкунанда дар ин хусус ҳар чи зудтар ва ҳамчунин дар муддати кӯтоҳ натиҷаи дида баромадани ин тавсияро маълум мекунанд.

## ҚИСМИ III

### *Назму тартиб*

### Моддаи 13

### *Мазмуни дархост.*

1. Дар ҳама гуна холатхо амалҳои зерин бояд дар дархост инъикос карда шаванд;

1.1. Номи органи ваколатдоре, ки дар бораи тафтиш, таъқиби ҷиноӣ ё ин, ки анҷомдиҳандаи кор дархост медиҳад;

1.2. Матни қонунҳои марбута, нусхаи далелҳо ё тафсилоти мухтасар доир ба тафтиши кор, таъқиби ҷиноӣ ё ин, ки баёни мазмуни иҷрои кор;

1.3. Мақсади фиристодани дархост ва навъи ёрии пурсидашаванда;

1.4. Муддати қобили қабули иҷрои дархост.

2. Дар дархосте, ки ёрӣ талаб шудааст, ҳамчунин ахбороти зерин бояд мавҷуд бошад;

2.1. илоҷ бошад, дар бораи шахс ё ашхосе, ки аз рӯи кор тафтиш мебаранд оид ба шахсият, шаҳрвандӣ, ҷойи истиқомати онҳо маълумот диҳад;

2.2. ҳангоми зарурият- дар аснои нишон додани сабаб ва мазмуни дархост ё хатти ҳаракатҳои просессуалии ҷудогонае, ки барои Тарафи Дархосткунанда мақбул бошад, баён шавад.

2.3. Дар ҳолатҳои фиристодани дархост доир ба нишондодҳои гувоҳӣ гирифтан, ё кофтуков гузаронидан ва ҳабс намудани молу мулк, дар хусуси имкони мавҷудияти чунин далелҳо дар доираи юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда аризаи асоснок пешниҳод кардан;

2.4. Дар ҳолатҳои фиристодани дархост доир ба гирифтани гувоҳи аз шахс ин нишондодҳои гувоҳии гирифташуда, ё аз шахсе, ки ариза додааст савганд дода гирифтан, тасдиқ намудани он ё ин, ки мутобиқи заррурияти гирифтани, ё шарт набудани он ахборот додан;

2.5. дар холатҳои мувақатан нигоҳ доштани далелҳои шайъи-шахс, ё гурӯҳи ашхоси нигоҳдорандаи ин далелҳои шайъи, ҷои супоридани онҳо, тарзи гузаронидани экспертизаи онҳо ва санаи баргардонида он;

2.6. Дар ҳолатҳои иштироки ашхоси дар ҳабс нигоҳ дошта шаванда дар тамоми давраи нигоҳдории онҳо дар ҳабс ашхос ва ё гурӯҳи ашхоси ба ин кор масъул ҷойҳое, ки ба он ҷо бурдани шахси маҳбус лозим аст ва санаи баргардонида овардани ӯ;

2.7. Агар шарт бошад, зарурияти махфӣ доштан ва сабабҳои он;

2.8. Ҳар гуна ахборте, ки барои иҷрои тафтиш заррурият дошта бошад.

3. Агар ахбороти дар дархости Тарафи Дархостшаванда инъикос ёфта кифоят накунад, ӯ метавонад ахбороти иловагиро талаб намояд.

4. Дархост ба таври хаттӣ дода мешавад. Дар холатҳои таъхирнопазир будан, ё ин, ки Тарафи Дархостшаванда имкон диҳад, дархост ба воситаи факс, ё почтаи электронӣ ва воситаҳои дигари имконпазир мумкин аст дода шавад, аммо баъд аз он бо нусхаи хатти он тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 14**

***Органҳои марказӣ.***

Барои ба иҷро расидани ҳамин Шартнома органҳои марказӣ ба дархостҳо ҷавоб медиҳанд ва ҳамчунин онро қабул менамоянд.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон - Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Ҳиндустон- Вазорати корҳои дохилӣ дониста мешавад.

### Моддаи 15
*Махфӣ будан.*

Ахборот, далелҳо, ё манбаи чунин ахбороту далелҳое, ки Тарафи Дархостшаванда махфӣ нигоҳ доштан ё ин, ки ҳангоми мувофиқи шартҳои гузаштаашон амал кардан, боз кардани онро метавонад талаб кунанд, Тарафи Дархосткунанда ин ахборот ё ин далелҳоро бо ҳамин шартҳо қабул карда гирифта бошад, мутобиқи он бояд амал намояд.

Тарафи Дархостшаванда мувофиқи дархост ва мартабаи дархост, мазмуни он ҳуҷҷатҳое, ки илова шудаанд ва ҳамчунин чораву тадбирҳои нисбати ин дархост дидашударо махфӣ нигоҳ медорад.

Ҳангоми иҷрои дархост, агар махфӣ нигоҳ доштани он мумкин набошад Тарафи Дархостшаванда дар ин хусус Тарафи Дархосткунанда бояд огоҳ намояд ва Тарафи Дархостшаванда заррурияти иҷро кардан ё накардани дархостро дар чунин ҳолат ҳал менамояд.

### Моддаи 16
*Маҳдудияти истифода.*

Тарафи Дархостшаванда ахборот ва далелҳое, ки бе ризоияти Органи Марказии Тарафи Дархосткунанда пешниҳод шудааст наметавонад ошкор намояд ва ҳамчунин ба дигар мақсадҳо истифода намояд.

### Моддаи 17
*Тасдиқ намудан.*

Далелҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки мувофиқи ҳамин Шартнома оварда шуданд, ба ғайр аз тартибе, ки дар моддаи 6 ҳамин Шартнома нишон дода шудаанд, тасдиқ намудан заруръият надорад.

### Моддаи 18
*Забонҳо.*

Ҳангоми амали сохтани Шартнома Тарафҳо аз забони давлатии худ истифода мебаранд. Ба он матн ба забони

Давлатии Тарафи дигар ва тарчимаи англисии он низ илова карда мешавад.

### Моддаи 19
*Муассисаи консулӣ.*

1. Ашхоси мансабдори консулӣ, ки дар ҳудуди давлатҳои будаашон, ба таври расми бе ичозат ба таври ихтиёрӣ метавонанд гувоҳӣ гиранд. Дар хусуси амалу корҳои просессуалие, ки бурда мешаванд давлати маҳалли зисташонро қаблан огоҳ менамояд. Ин давлат мувофиқи моддаи 3 ҳамин Шартнома метавонад ризоият надиҳад.

2. Ашхоси мансабдори консулӣ ба шахсоне, ки ба бинои консулгарӣ ба таври ихтиёрӣ омадаанд, метавонанд ҳуччатҳоро супоранд.

### Моддаи 20
*Масрафҳо.*

1. Тарафи дархостшаванда дар ҳудуди кишвари худ ҳангоми ичрои тафтиш масрафҳоро ба ӯҳдаи худ мегирад. Масрафҳои зерин аз доираи амали Тарафи Дархосткунанда берун аст;

1.1. Мувофиқи дархости Тарафи Дархосткунанда тибқи моддаҳои 7 ва ё 8 ин Шартнома, ба ҳудуди юрисдиксияи Тарафи Дархосткунанда бурдан ва ҳангоми будани шахси мазкур дар ҳудуди юрисдиксияи Тарафи Дархостшаванда пардохти тамоми масрафҳои дигар;

1.2. Масрафҳои экспертхо ва ҳаққи қалами (гонорар) онҳо, ҳам дар Тарафи Дархостшаванда ва ҳам дар Тарафи Дархосткунанда.

2. Агар ичрои дархост масрафи аз хад зиёдро талаб кунад, Тарафҳо дар барои имкони чигунагии расонидани ёрӣ бо ҳам маслиҳат мекунанд.

## ҚИСМИ IV
*Қоидаҳои чамъбастӣ.*

### Моддаи 21
*Соҳаҳои амалӣ кардан.*

Новобаста аз камбудиҳои чузъие, ки то ҳамин сана рӯй додаанд, пас аз ҳукми конунӣ гирифтани ин Шартнома нисбати хеле дархостҳо мавриди истифода қарор мегирад.

## Моддаи 22
***Конвенсия /Шартномаҳои байналхалқӣ.***

Ин Шартнома ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳои Аҳдкунанда, ки аз Конвенсия /Шартномҳои байналхалқии дигар, ки онҳо имзо намудаанд, бармеоянд, дахолат намекунад.

## Моддаи 23
***Машвартҳо***

Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқи дархости ҳар яки аз онҳо роҷеъ ба тафсир ва татбиқи ин Шартнома, ё ба таври умум ё вобаста ба дархости мушаххас, бе таъхир машварат хоҳанд кард.

## Моддаи 24
***Тасвиб ва қатъи эътибор***

1.Ин Шартнома мавриди тасвиб қарор хоҳад гирифт ва пас аз мубодилаи тасвибномаҳо амалӣ хоҳад шуд.

2.Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад дар ҳар маврид тавассути фиристодани огоҳӣ ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар аз тариқи каналҳои дипломатӣ эътибори ин Шартномаро соқит гардонад. Агар огоҳӣ расида бошад, Шартнома то шаш моҳ пас аз расидани огоҳӣ эътибори худро гум мекунад.

Дар шаҳри Ню Деҳли 10 маи соли 2001 дар ду нусхаи аслӣ ба забонҳои тоҷикӣ, ҳиндӣ ва англисӣ, ки эътибори яксон доранд, ба таҳрир омад. Ҳангоми ихтилоф дар тафсир ва татбиқи ин Шартнома матни англисӣ мавриди эътимод қарор хоҳад гирифт.

| | |
|---|---|
| ***Аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | ***Аз тарафи Ҷумҳурии Ҳиндустон*** |
| [signature] | L. K. Advani |